Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014
назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд,
микроноҳияи 17, хонаи 1, бинои таълимии №5,
E-mail: ds.tsulbp@mail.ru;
телефони котиби илмӣ:
(+992) 929168877.

**ТАҚРИЗ**

Ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Сафармад Саид дар мавзуи «Такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ

Мавзуи интихобнамудаи Сафарзода Сафармад Саид дорои аҳамияти бузурги назариявӣ ва амалӣ буда, ба яке аз самтҳои калидии рушди иқтисоди муосири Тоҷикистон дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бахшида шудааст. Дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт, ки барои ҳар як давлат имкониятҳои навро барои рақобатпазирӣ, диверсификатсия ва устувории иқтисодӣ фароҳам меорад, масъалаи такмили механизми дастгирии сармоягузорӣ аҳамияти махсусро касб менамояд.

Бинобар ин, механизмҳои дастгирии сармоягузорӣ дар сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа аз воситаҳои гуногун, аз қабили таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ), мусоидати андозӣ ва молиявӣ (имтиёзҳо, грантҳо), сохтмони инфрасохтори зарурӣ (роҳҳо, энергетика), ҳимояи ҳуқуқи сармоягузор ва ташвиқи ҳамкориҳои байналмилалӣ иборат буда, ҳадафашон ҷалби сармоя, рушди босуботи минтақа ва беҳтар кардани шароити иҷтимоии аҳолӣ мебошад.

Ҳамзамон, такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоӣ ин раванди такмил додани воситаҳо, барномаҳо ва муҳити меъёрӣ-ҳуқуқӣ барои ҷалби самаранoктари сармоя ба рушди иқтисодӣ ва

иҷтимоии минтақаҳо, бо мақсади беҳтар кардани шароит, таҳкими муҳити сармоягузорӣ ва таъмини рушди устувор мебошад, ки муҳимтарин онҳо ин тақвияти муҳити сармоягузории минтақавӣ, таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва истифодаи оқилонаи нерӯи минтақавӣ мебошад

Аз ҳамин сабаб, интихоби мавзуи таҳқиқотии «Такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» аз ҷониби муаллиф саривақтӣ ва пурмаъно мебошад. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки робитаи байни рушди иқтисодиву иҷтимоӣ, самаранокии фаъолият ва такмили механизмҳои сармоягузориро бо таҳлили оморӣ ва муқоисавӣ нишон диҳад.

Дар кори илмӣ масъалаҳои назариявӣ ва амалии таҳлили вазъи кунунӣ ва ҳолати воқеии сармоягузориҳо, инчунин тамоюли ташаккули сиёсати сармоягузорӣ ҷиҳати татбиқи сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар минтақа мушаххас гардида, дар баробари он ҳолати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа ва арзёбии шарту шароити мусоид барои дастгирии минтақа, дастгирии сармоягузориҳо дар бобати рушди масъалаҳои иқтисодӣ-иҷтимоии НТҶ мавриди таҳқиқу таҳлили амиқ қарор гирифтаанд.

Бо вуҷуди арзиши баланди илмӣ ва амалӣ, дар кори мазкур якчанд эродҳои умумӣ ҷой доранд.

1.Дар авторефреат муаллиф самтҳои асосии такмили механизми дастгирии сармоягузории сисёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳоро мушаххас нишон надодааст.

2. Агар дар кор аз ҷониби муаллиф ягон механизми муайяни амалкунанда такмил дода шуда бошад ҳам, дар ин хусус дар автореферат матлабе дида намешавад.

Камбудии номбаршуда ва гузашта аз он мавҷуд будани масъалаҳои баҳсталаб дар автореферати диссертатсия, аз назари мо, барои баҳои сазовор додан ба таҳқиқоти илмии Сафарзода Сафармад Саид халал намерасонад. Мо ба мазмуни матни автореферат баҳои умумии мусбӣ дода, онро таҳқиқоти

ҷиддии илмӣ меҳисобем, ки натиҷаҳояш дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд.

Бо дарназардошти ин, бояд зикр кард, ки кори пешниҳодшуда аз ҷиҳати илмӣ, методологӣ ва амалӣ сатҳи баланд дорад. Автореферати диссертатсияи Сафарзода Сафармад Саид аз ҷиҳати мазмун, сохтор ва натиҷаҳои илмӣ ҷавобгӯи талаботи муосири корҳои илмӣ мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот дорои арзиши назариявӣ ва амалӣ буда, метавонанд дар сиёсати давлатӣ, сиёсати сармоягузорӣ ва таҳкими сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа истифода шаванд. Бо назардошти муҳтавои илмӣ ва аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастомада, диссертатсияи мазкур пурра ба талаботи соҳавӣ ҷавобгӯ буда, Сафарзода Сафармад Саид сазовори дарёфти дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёти минтақа) мебошад.

**Тақриздиҳанда**:
д.и.и., и.в.профессори кафедраи менеҷмент,
маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон Мирзоалиев А.А.
«_04_» _02_ соли 2026.

**Суроға**: индекс, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
кӯчаи Деҳотӣ 23/4, ҳуҷраи 44,
Тел: (+992) 934444145
E-mail menejment_08@mail.ru,

Имзои д.и.и., и.в.профессор Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевичро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.

**Суроғаи муассиса**:
индекс, шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
кӯчаи Деҳотӣ, бинои1/2
Тел: (+992 - 37) 234-83-46,
E-mail tguk@mail.ru ,
«_04_» _02_ соли 2026.